**Иқтибос аз**

**ПРОТОКОЛИ № 1**

маҷлиси васеи шурои олимони факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 29.08 соли 2022

**Иштирок доштанд:** раиси шурои олимони факултет дотсент Тиллохоҷаева М.Н. ва 25 нафар аъзои шуро, роҳбари илмии докторант д.и.ф. Нуров Н.Н., докторант Ҳомидова Ш.М.

**РӮЗНОМА:**

**6. Масъалаҳои ҷорӣ**

**6.1. Таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи докторанти кафедраи адабиёти классикии тоҷик дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ).**

**ШУНИДА ШУД:** раиси шуро, декани факултети филологияи тоҷик, дотсент Тиллохоҷаева М.Н. баъди тасдиқи рӯзномаи ҷаласа қайд кард, ки диссертатсияи докторанти кафедраи адабиёти классикии тоҷик Ҳомидова Ш.М. дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои ташхиси экспертии давраи дуюм ба шурои олимони факултет пешниҳод шудааст. Аз рӯйи Низомномаи шурои диссертатсионӣ бояд ду нафар мутахассис-эксперти холис таъин карда шаванд. Номзадии олимони зерин ба вазифаи эксперти холис пешниҳод карда шуд, ки мутахассисони ботаҷрибаи соҳаи таърихи адабиёт мебошанд: **Солеҳов Ш.А.** – д.и.ф., мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи

С.Айнӣ; **Раҳматова Д.А.** – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Номзадҳои пешниҳодшуда аз ҷониби ҳозирин дастгирӣ ёфтанд.

Натиҷаи райъдиҳии кушод: тарафдор 25 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

**БАРОМАД КАРДАНД:** роҳбари илмии докторант д.и.ф. Нуров Н.Н. ва мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик, дотсент Ӯрунова М.Р.

Роҳбари илмии докторант д.и.ф. Нуров Н.Н. дар баромади худ зикр кард, ки интихоб гардидани Солеҳов Ш.А. – д.и.ф., мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва Раҳматова Д.А. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳайси муқарризони холис бамаврид мебошад.

Дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷик Ӯрунова М.Р. иброз намуд, ки муқарризони дар боло номбаршуда дуруст интихоб шудаанд, зеро онҳо дар соҳаи мавриди тадқиқ пажуҳишҳои муайяне анҷом дода, соҳибунвон гардидаанд. Мо умед дорем, ки онҳо рисолаи докторант Ҳомидова Ш.М.-ро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ҷабҳаҳои масъалаи номбурдашударо мавриди таҳлил қарор медиҳанд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Баромади раиси шуро, дотсент Тиллохоҷаева М.Н. роҷеъ ба таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи докторанти кафедраи адабиёти классикӣ дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) ба инобат гирифта шавад;

2. Олимони зерин ба сифати муқарризони давраи дуюми экспертизаи диссертатсияи докторант Ҳомидова Ш.М. дар мавзуи «Ҳавзаи адабии

Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» тасдиқ карда шаванд:

1) **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – д.и.ф., мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

2) **Раҳматова Дилрабо Аҳмадҷоновна** – н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Аз шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) хоҳиш карда шавад, ки қарори мазкурро дастгирӣ намояд.

**Раиси маҷлис, н.и.ф. дотсент:** **Тиллохоҷаева М.Н.**

**Котиби маҷлис, н.и.ф., дотсент:** **Қосимова И.Т.**

**«Имзоҳои М.Н. Тиллохоҷаева ва И.Т. Қосимоваро тасдиқ мекунам».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**